**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№13**

**аз 23 июни соли 2010** **шаҳри Душанбе**

**«Дар бораи ҳалномаи судӣ»**
***(бо тағйироте, ки бо қарори Пленум аз 14 июни соли 2018, №33 ворид гардидааст)***

Ҷиҳати иҷрои талаботҳои муқаррарнамудаи Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ҳалномаи суд, дар асоси моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**Қ А Р О Р  К А Р Д :**

Ба судҳо тавзеҳоти зерин дода шавад:

1.Мувофиқи талаботи моддаи 198-и Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМГ), санади суди марҳилаи якум, ки ба воситаи он парванда моҳиятан ҳал мешавад, аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли ҳалнома қабул мегардад. Доираи масъалаҳое, ки мӯҳтавои ҳалномаро дар бар мегиранд, дар моддаҳои 202, 208-211-и КМГ муайян карда шудааст.

Ҳалнома дар хонаи алоҳида танҳо аз тарафи судяи баррасикунандаи парванда қабул карда мешавад. Ҳузур доштани шахсони дигар манъ аст.

Бинобар ин, риоя нагардидани қоидаҳои махфияти машварати судӣ боиси бекор кардани ҳалномаи судӣ мегардад.

Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки тибқи муқаррароти қисми 3 моддаи 198-и КМГ ҳалнома дар доираи талаботи пешниҳоднамудаи даъвогар қабул карда мешавад.

Аз ин рӯ, суд ҳуқуқ надорад аз доираи талаботи пешниҳоднамудаи даъвогар барояд.

2. Тибқи талаботи моддаи 200-и КМГ ҳалнома бояд қонунӣ ва асоснок бошад.

Ҳалнома дар он ҳолат қонунӣ мебошад, ки агар он бо риояи дақиқи меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ қабул карда шуда, ба меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ, ки нисбати ҳамин муносибатҳои ҳуқуқӣ татбиқ карда мешаванд, пурра мувофиқат кунад, ё дар ҳолатҳои зарурӣ ба татбиқи қиёси қонун ва қиёси ҳуқуқ асос карда шуда бошад.

Агар байни санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ки ҳангоми баррасӣ ва ҳал кардани баҳси мазкур татбиқ карда мешаванд, мухолифат ҷой дошта бошад, пас ҳалнома ҳамон вақт қонунӣ ҳисоб мешавад, ки суд қонуни эътибори бештари ҳуқуқӣ доштаро татбиқ карда бошад.

Ҳалнома ҳамон вақт асоснок мебошад, ки агар ҳолатҳои парванда бо далелҳои дар маҷлиси судӣ таҳқиқгардида, ки ба талаботи қонун оиди дахлдорӣ ва ҷоизии далелҳо ҷавобгӯй мебошанд, ё ҳолатҳое, ки ба исбот эҳтиёҷ надоранд (моддаи 64 КМГ) тасдиқ шуда бошанд. Инчунин, вақте ки ҳалнома хулосаҳои мукаммали судро дар бар мегирад, ки онҳо аз ҳолатҳои воқеии парванда бармеоянд.

3. Судҳоро зарур аст, ки пайдарҳамии таҳияи ҳалномаро, ки дар моддаи 202-и КМГ муқаррар карда шудааст, риоя намоянд.

Дар қисми баёнии ҳалнома бояд мӯҳтавои талаботи даъвогар, норозигии ҷавобгар ва баёноти шахсони иштирокчии парванда дарҷ карда шаванд.

Агар даъвогар асос ва мавзӯи даъворо тағйир дода, андозаи онро зиёд ё кам карда бошад,

ҷавобгар даъворо қисман ё пурра эътироф намояд, дар ин бора бояд дар қисми баёнии ҳалнома дарҷ карда шавад.

Аз ҷониби як тараф эътироф намудани ҳолате, ки тарафи дигар талабот ё норозигии худро ба он асоснок мекунад, дар қисми асосноккунии ҳалнома бо хулосаи суд оиди муқаррар кардани ин ҳолатҳо дарҷ карда мешавад, агар асосҳо барои қабул накардани эътирофи даъво ҷой надошта бошанд.

Ҳамзамон, дар назар бояд дошт, ки ҳуқуқи эътироф намудани ҳолатеро, ки тарафи дигар талабот ё норозигии худро ба он асоснок мекунад, намояндаи тараф низ ҳуқуқҳоро доро мебошад, агар дар ваколатномаи ба ӯ додашуда чунин амалҳои мурофиавӣ нишон дода шуда бошанд.

4. Баҳри иҷроиши талаботи қисми 4 моддаи 202-и КМГ, судҳоро зарур аст, ки қонунҳои моддие, ки суд онҳоро ба муносибатҳои ҳуқуқии мазкур татбиқ мекунад ва меъёрҳои мурофиавие, ки онҳоро дастрас менамояд дар ҳалнома нишон диҳад. Инчунин, суд қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро вобаста ба таҷрибаи судӣ оид ба татбиқи меъёрҳои мурофиавӣ ва моддие, ки ба ҳамин парванда татбиқ карда мешаванд, дастрас намоянд.

5. Қисми хулосавии ҳалнома бояд хулосаҳои пурраи судро, ки аз ҳолатҳои воқеии парванда бармеояд ва онҳо дар қисми асосноккунии ҳалнома муқаррар карда шудаанд дар бар гирад.

Вобаста ба ин, дар қисми хулосавии ҳалнома ба таври возеҳу равшан нишон дода шавад, ки суд доир ба талаботҳои даъвои ибтидоии арзкардашуда ва талаботҳои даъвои муқобили даъво (агар арз шуда бошад) чӣ қарор қабул кардааст ва тарафҳо чӣ гуна амалҳоро бояд анҷом диҳанд ба таври мушаххас дарҷ карда шаванд.

Суд ҳамчунин дигар масъалаҳоеро, ки қонун пешбинӣ намудааст ҳал менамояд, то ки ҳалнома иҷрошаванда бошад.

Дар сурати пурра ё қисман рад намудани талаботи даъвогӣ аниқ нишон дода шавад, ки кадом талаботи даъвогӣ рад карда шудааст.

6. Ҳангоми баррасӣ намудани якчанд талаботи даъвогӣ, ки яке аз онҳо моҳиятан баррасӣ ва ҳал гардидааст дар ин қисм ҳалнома қабул карда мешавад оид ба дигар қисми талаботи даъво суд масъалаи бе баррасӣ монондани даъво, тасдиқи созиши оштии тарафҳо, аз даъво даст кашидани даъвогар ва дигар асосҳое, ки боиси қатъ намудани баррасии парванда мегарданд, он гоҳ санади судӣ дар ин қисм дар шакли таъинот ба таври алоҳида бояд қабул карда шавад.

7. Талаботи арзкардашуда бо асосҳои нишондодаи даъвогар бо риояи меъёрҳои муқаррарнамудаи моддаи 58-и КМГ оиди ӯҳдадории исбот баррасӣ ва ҳал карда мешавад.

Аммо судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи омма бармеоянд, суд ба асосҳо ва ваҷҳҳои талаботи пешниҳодшуда вобаста намебошад. Чунки уҳдадории исбот кардани ҳолатҳои барои қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ асос гардида, қонунӣ будани онҳо, инчунин қонунӣ будани қарор, амалӣ (беамалии) мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ, шахсони мансабдор, хизматчиёни давлатӣ, ки мавриди баҳс қарор гирифтаанд, ба зиммаи мақомоти чунин санади меъёрии ҳуқуқиро қабулкарда, инчунин мақомот ва шахсоне гузошта мешавад, ки қарори мавриди баҳсро қабул кардаанд ё амалӣ (беамалии) мавриди баҳсро анҷом додаанд. Ҳангоми баррасӣ ва ҳалли чунин парвандаҳо, суд бо ташаббуси худ ва бо мақсади ҳалли дурусти парванда метавонад далелҳоро талаб намояд.

Ҳангоми тасдиқ намудани ягон ҳолати парванда аз ҷониби яке аз тарафҳо, ки онро тарафи дигар мавриди баҳс қарор надодааст, эътирофшуда ба ҳисоб рафта, баҳсталаб намебошад ва тарафҳоро аз исбот кардани ин ҳолат озод менамояд, аз ин рӯ, дар вақти таҳияи ҳалнома хулосаи суд оид ба ин ҳолатҳо бе овардани далелҳои тасдиқкунанда дарҷ карда мешавад.

8. Бо дарназардошти он, ки яке аз принсипҳои муҳокимаи судӣ бевосита будани он мебошад (моддаи 160-и КМГ), ҳалнома танҳо ба он далелҳое асоснок карда мешавад, ки дар маҷлиси судӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда бошанд. Агар ҷамъоварии далелҳо аз ҷониби суди парвандаро баррасикунанда гузаронида нашуда бошад, (масалан, супориши судӣ моддаи 65-и КМГ) бо он шарте суд ҳуқуқ дорад ҳалномаро ба ин далелҳо асоснок намояд, ки агар онҳо бо тартиби муқаррарнамудаи КМГ (масалан моддаи 66-и КМГ тартиби иҷрои супориши судӣ) ба даст оварда шуда, дар маҷлиси судӣ эълон гардида, ба шахсони иштирокчии парванда, намояндагони онҳо ва

ҳангоми зарурат ба шоҳидон, коршиносони судӣ ва мутахассисон пешниҳод карда, дар маҷмӯъ бо дигар далелҳо мавриди таҳқиқ қарор дода шуда бошанд. Ба далелҳое, ки аз тарафи суд бо риояи талаботи муқарраркардаи КМГ мавриди таҳқиқ қарор дода нашудаанд, инчунин ба далелҳое, ки бо вайрон намудани меъёрҳои муқаррарнамудаи қонун ба даст оварда шудаанд, асоснок намудани ҳалнома роҳ дода намешавад.

9. Қайд кардан зарур аст, ки хулосаи коршиноси судӣ дар баробари дигар далелҳои парванда воситаҳои истиснoии исбот ва барои суд далели дорои эътибори қаблан муқарраргардида намебошад ва бояд дар маҷмӯъ бо ҳамаи далелҳои дар парванда мавҷудбуда баҳо дода шавад. Баҳои ба хулосаи коршинос додаи суд бояд пурра дар ҳалнома инъикос карда шавад. Дар ин маврид нишон дода шавад, ки хулосаи коршиноси судӣ (эксперт) ба чӣ асос карда шудааст, оё ҳамаи маводе, ки ба экспертиза пешниҳод шудаанд ба эътибор гирифта шуда, онҳо аз тарафи коршиносони судӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтаанд ё не.

Агар гузаронидани экспертиза ба зиммаи якчанд коршиноси судӣ гузошта шуда бошад ва ҳар яки онҳо хулосаи алохида дода бошанд, асосҳои ба ҳар як хулоса розӣ будан ё набудан бояд дар ҳалнома нишон дода шавад.

10. Мутобиқи қисми 3 моддаи 64-и КМГ ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд оид ба парвандаи ҷиноятӣ барои суди баррасикунандаи парванда оид ба оқибатҳои гражданию ҳуқуқии амали шахсе, ки нисбати ӯ ҳукми судӣ дар хусуси оё чунин амалҳо ҷой доштанд ва ё онҳоро ҳамин шахс содир намудааст, бароварда шудааст, ҳатмӣ мебошад.

Бо дарназардошти ин, аз рӯи даъвое, ки аз парвандаи ҷиноятӣ бармеояд, суд гунаҳгории ҷавобгарро муҳокима накарда, танҳо масъалаи талаботи даъворо ҳал менамояд.

Дар ҳалномаи суд оид ба қонеъкунии даъво, ба ғайр аз ишора ба ҳукм аз рӯи парвандаи гражданӣ, инчунин далелҳои дар парванда мавҷудбуда, ки талаботи даъво (масалан, андозаи маблағи рӯёнидашаванда, баҳисбогирии вазъи молу мулкии ҷавобгар ё гуноҳи ҷабрдида ва ғайра) бо онҳо асоснок карда шудаанд бояд нишон дода шавад.

Дар асоси қисми 2 моддаи 2-и КМГ дар қиёс бо қисми 3 моддаи 64-и КМГ, ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаҳо, инчунин қарори эътибори қонунӣ пайдокардаи судя оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, оқибати амалҳои ҳуқуқӣ - граждании шахсе, ки нисбаташ ин қарор қабул карда шудааст, ба назари эътибор гирифта мешавад.

11.Тибқи муқаррароти қисми 2 моддаи 64-и КМГ ҳолатҳое, ки бо санади эътибори қонунӣ пайдокардаи судӣ оид ба парвандаи граждании қаблан баррасигардида муқаррар шудаанд, барои суд ҳатмӣ буда, онҳо ҳангоми баррасии дигар парвандаи гражданӣ, ки дар он ҳамин шахсон иштирок менамоянд, аз нав исбот карда намешаванд ё мавриди баҳс қарор намегиранд.

Зери мафҳуми санади судӣ, ки дар қисми 2 моддаи 64-и КМГ нишон дода шудааст, ҳама гуна санади судӣ, ки суд мувофиқи талаботи қисми 1 моддаи 14-и КМГ қабул намудааст (фармон, ҳалнома, таъинот, қарори суд) фаҳмида мешавад.

Бо дарназардошти мазмуни қисми 3 моддаи 15, қисмҳои 2,3 моддаи 64, қисми 2 моддаи 213-и КМГ шахсони дар баррасии парвандае, ки аз рӯи он санади судӣ қабул карда шудааст, иштирок накардаанд, ҳуқуқ доранд дар баррасии парвандаи граждании дигар бо иштироки онҳо ҳолатҳоеро, ки бо ин санади судӣ муқаррар карда шудааст, мавриди баҳс қарор диҳанд. Дар чунин ҳолат суд дар асоси далелҳои дар маҷлиси судӣ мавриди таҳқиқ қарор дода ҳалнома қабул мекунад.

12. Дар ҳолате, ки ҳалнома бояд фавран иҷро карда шавад, ё суд дар бораи фавран иҷро кардани ҳалнома ба хулоса омада бошад, дар ин хусус дар ҳалнома дарҷ карда мешавад.

Ҳалномаҳое, ки тибқи қонун бояд фавран иҷро карда шаванд, дар моддаи 215-и КМГ нишон дода шудаанд, бинобар ин дар ҳалнома оиди иҷрои фаврии онҳо дарҷ намудан ба мавқеи даъвогар ва ба назардошти суд вобастагӣ надорад.

Фавран иҷро намудани ҳалнома бо асосҳои пешбининамудаи моддаи 216-и КМГ тибқи аризаи даъвогар сурат гирифтанаш мумкин аст. Дар чунин маврид, хулосаи суд оид ба зарурияти фавран иҷро намудани ҳалнома бояд бо маълумотҳои боэътимод ва кофӣ оиди ҷой доштани ҳолатҳое, ки дар натиҷаи дер иҷро кардани ҳалнома метавонад ба расонидани зарари ҷиддӣ ба рӯёнанда ё ғайриимкон гардонидани иҷрои ҳалнома оварда расонад, асоснок карда шавад.

Суд ҳангоми иҷозати  иҷрои фавриии ҳалнома метавонад аз даъвогар дар сурати бекор кардани ҳалнома таъмини баргардонидани иҷрои ҳалномаро талаб намояд.

13. Дар назар доштан зарур аст, ки ҳалномаи аз тарафи суд қабул кардашуда дар шакли хаттӣ аз тарафи раисикунандаи парванда таҳия дода шуда, он дастӣ навишта шуда, ё дар компютер ва ё дигар воситаҳои техникӣ чоп карда мешавад. Ҳалнома аз ҷониби судяи баррасикунандаи парванда имзо карда шуда, дар ҳамон маҷлисе, ки дар он баррасии парванда ба анҷом расидааст, эълон карда мешавад. Риоя намудани талаботҳои зикргардида ҳангоми эълон намудани қисми хулосавии ҳалнома низ ҳатмӣ аст. Дар ин вақт раисикунанда эълон менамояд, ки дар кадом мӯҳлат шахсони иштирокчии парванда метавонанд бо ҳалномаи асоснок шинос шаванд ва нисбати он шикоят ва эътирози кассатсионӣ ирсол намоянд.

Санаи қабули ҳалнома санаи эълони он дар маҷлиси судӣ фаҳмида  мешавад.

14. Диққати судҳо ба қатъиян риоя намудани муҳлати таҳияи ҳалномаи асоснок, ки дар моддаи 203-и КМГ нишон дода шудааст, равона карда шавад.

15.Бо дарназардошти талаботи моддаи 205-и КМГ масъалаи қабул намудани ҳалномаи иловагӣ метавонад то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалнома гузошта шавад. Ҳалномаи иловагиро бояд суде қабул кунад, ки вобаста ба парванда ҳалнома баровардааст.

Суд дар ҳамон вақт ҳалномаи иловагӣ қабул мекунад, ки  агар оид ба ин ё он талаботе, ки шахсони иштирокчии парванда вобаста ба онҳо далелҳо пешниҳод намудаанд ё баёнот додаанд, аммо оид ба ин талабот ҳалнома қабул нашуда бошад, суд масъаларо оид ба ҳуқуқ ҳал намуда, андозаи маблағи ба фоидаи шахси дигар ситонидашаванда, молу мулки интиқолшаванда ё амалеро, ки бояд ҷавобгар анҷом диҳад, зикр накарда бошад ва ё суд масъалаи хароҷоти судиро ҳал накарда бошад.

Бинобар ин, суд ҳуқуқ надорад аз доираи талаботҳои даъвогӣ барояд, балки метавонад бо дарназардошти ҳолатҳое, ки дар маҷлиси судӣ муайян карда шудааст, камбудиҳои ҳалномаро пурра намояд.

Дар ҳолати рад намудани қабули ҳалномаи иловагӣ шахси манфиатдор ҳуқуқ дорад бо чунин талабот дар асосҳои умумӣ ба таври алоҳида ба суд муроҷиат намояд.

Агар нисбати ҳалнома шикоят ё эътирози  кассатсионӣ  пешниҳод шуда ва дар як вақт масъалаи ислоҳи иштибоҳ ё хатогиҳои ошкори арифметикӣ дар ҳалнома ва қабул намудани ҳалномаи  иловагӣ ба миён омада бошад, суд дар аввал масъалаҳои дар боло ба миён омадаро ҳал намуда, сипас парвандаро барои баррасӣ намудан ба суди марҳилаи кассатсионӣ  ирсол менамояд. Қонунгузор имконияти ислоҳ намудани иштибоҳ ва хатогиҳои ошкори арифметикиро дар ҳалнома бо муҳлат маҳдуд накардааст. Бинобар ин ислоҳ намудани иштибоҳ ва хатогиҳои арифметикӣ дар ҳалнома метавонад дар давраи то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалнома ва ё баъди он ҳал карда шавад, агар ин камбудиро суди марҳилаи болоӣ бартараф накарда бошад.

Судя ҳуқуқ надорад, ки бо баровардани ҳалномаи иловагӣ мазмуни ҳалномаро тағйир диҳад ё масъалаҳои наве, ки дар ҷараёни маҷлиси судӣ таҳқиқ нагардида буданд, ҳал намояд.

Қабул кардани ҳалномае, ки иҷроиши он аз фаро расидан ё нарасидани ягон шарти муайян вобастагӣ дорад, мумкин нест.

16. Дар вақти қабул кардани ҳалнома зарур аст, ки талаботи моддаи 100-и КМГ оиди байни тарафҳо тақсим намудани хароҷоти судӣ риоя карда шавад ва оиди он ба тарафҳо тавзеҳ дода шавад.

Таваҷҷуҳи судҳо ба он равон карда шавад, ки онҳо метавонанд талаботи моддаи 101-и КМГ-ро оиди аз тарафе, ки бевиҷдонона даъвои беасос пешниҳод кардааст ё зидди даъво баҳс мекунад ё ба таври мунтазам ба баррасӣ ва  ҳалли дурусту саривақтии парванда монеӣ мекунад, барои вақти кори воқеии сарфшуда ба манфиати тарафи дигар ҷубронпулӣ ситонад, иҷро намоянд.

17. Азбаски моддаи 206-и КМГ ба суд ҳуқуқ додааст, ки ҳалномаро бетағйир додани мӯҳтавои он тавзеҳ диҳад, суд дар зери тавзеҳ наметавонад ҳатто моҳияти ҳалномаро қисман тағйир диҳад, балки онро дар шакли пурра ва фаҳмо баён намояд.

18. Новобаста аз он ки КМГ тартиби гуногуни баррасии парвандаҳоро вобаста ба намудҳои мурофиаи парвандаҳо муқаррар намудааст, барои ҳамаи онҳо шакли ягонаи моҳиятан ба охир

расонидани парвандаро бо роҳи қабул намудани ҳалнома пешбинӣ намудааст. Бинобар ин судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки талаботи моддаи 202-и КМГ оид ба тартиби таҳияи ҳалнома барои ҳама гуна мурофиаи парвандаҳо ҳатмӣ мебошад.

19. Тибқи талаботи қисми 6 моддаи 155-и КМГ, ҳангоми муайян намудани далели бе сабабҳои узрнок гузаронидани мӯҳлати даъво ё муҳлати муроҷиат ба суд судя метавонад бе таҳқиқи дигар ҳолатҳои воқеии парванда дар маҷлиси пешакии судӣ дар хусуси рад намудани даъво ҳалнома қабул карда, дар қисми асосноккунии ҳалнома танҳо ин ҳолатҳоро зикр намояд.

20. Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки тартиби қабули ҳалномаи ғоибона, муҳтавои он, таҳия, ислоҳи иштибоҳ ва хатогиҳои ошкорӣ арифметикӣ, ҳалномаи иловагӣ, тавзеҳи ҳалнома, батаъхиргузорӣ ё ба давраҳо ҷудо намудани мӯҳлати иҷрои ҳалнома, тағйир додани тарз ва тартиби иҷрои  ҳалнома, муайян намудани тартиб ва мӯҳлати иҷрои ҳалнома, таъмини иҷрои ҳалнома ва ғайра бо риояи боби 16 КМГ ва бо дарназардошти хусусиятҳои хосе, ки боби 22 КМГ марбут ба ҳалномаи ғоибона муайян намудааст, қабул карда мешавад.

21. Тибқи талаботи моддаи 231 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вақти қабули ҳалнома, агар судҳо муайян намоянд, ки муқаррароти қонун риоя карда нашуда, ҳуқуқу манфиатҳои шахрвандон, ташкилоту муассисаҳо вайрон карда шудааст, дар ин хусус ба унвони роҳбарону шахсони мансабдори дахлдор таъиноти хусусӣ ирсол намуда, онҳоро уҳдадор менамояд, ки дар мӯҳлати як моҳ аз тадбирҳои андешидаашон ба суд иттилоъ диҳанд.

22. Бо қабули Қарори мазкур Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 апрели соли 1998 таҳти №1 «Дар бораи ҳалномаи судӣ» аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Н. Абдуллоев**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М. Саидов**